20 A — nomidagi O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

13 июни соли 2020. Шанбе

№ 38 (14637)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# АГАР ДАР ҲАР СОҲА ИЛМ РИВОҶ ЁБАД, НИҲОЯТ УСТУВОРИИ ИҚТИСОДӢ ТАЪМИН МЕГАРДАД



**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 12 июн бо корҳои созандагӣ ва лоиҳаҳои бузурге, ки дар ноҳияи Олмазори пойтахт татбиқ мешаванд, шинос шуд.**

Президент ба Донишкадаи математикаи Академияи илмҳои Ӯзбекистон ташриф овард.

Дар Мурочиатномаи худ ба Олий Маҷлис моҳи январи соли равон роҳбари давлатамон ҳар сол рушди якчанд самтҳои афзалиятноки илмро гуфта буд. Имсол математика ба сифати яке аз ҳаминҳо муайян шуд.

Ин халқи мо ва ҷомеаи илмиро хеле шод гардонд, зеро он дар Ӯзбекистон решаҳои амиқи таърихӣ дорад ва имрӯз барои рушд аҳамияти бузург касб мекунад.

Донишкадаи математикаи Академияи илмҳо дар тарғиби ин илм дар мамлакати мо нақши муҳим дорад. Ин муассиса, ки соли 1943 таъсис ёфтааст, ба яке аз марказҳои асосии тадқиқоти математикӣ табдил ёфтааст. Мактабҳои илмии алгебра ва таҳлили функсионалӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ, назарияи эҳтимолият ва омори математикӣ, ки дар ин ҷо пайдо шудаанд, аз ҷониби ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ эътироф карда шудаанд.

Дар роҳи рушди ин илм 9 июли соли 2019 қадами муҳим гузошта, қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳои дастгирии давлатии рушди минбаъдаи таълими математикӣ ва илмӣ, инчунин куллан такмил додани фаъолияти Донишкадаи математикаи ба номи В.И.Романовскийи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон» имзо шуда буд. Мувофиқи қарор ба Донишкадаи математика як қатор имтиёз дода шуда, аз ҷумла бо бино замонавӣ таъмин кардани он таъкид гардид.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити муосир барои математикон дар Шаҳраки донишҷӯёни ноҳияи Олмазор бинои нав сохта, ба истифода дода шуд.

Президент бо шароити мусоиди дар ин ҷо муҳайёгардида шинос шуд. Дар бинои нав 7 лабораторияи илмӣ ва Маркази математикони ҷавон мавҷуд аст. Бинои мазкур дорои маркази захиравии иттилоотӣ ва синфҳо барои семинарҳо, утоқҳои академикон ва таҳқиқотчиён, китобхона, толори конфронс ва ошхона мебошад. Хонаҳо бо технология ва таҷҳизоти навтарин муҷаҳҳаз мебошанд.

— Ин донишкадаи муосир бояд маркази маърифатии тамоми олимон гардад. Математика ба бисёр илмҳо роҳ мекушояд. Бесабаб мо бинои донишкадаро дар Шаҳраки донишҷӯён насохтаем. Муассиса бояд робитаи зичи байни маориф ва илмро таъмин карда, барои рушди мамлакатамон замина гузорад, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Сарвари давлат 7 майи соли 2020 қарореро «Дар бораи чораҳои баланд бардоштани сифати таълим ва рушди таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи математика» имзо кард. Дар ҳуҷҷат як қатор вазифаҳое, ки барои ба сатҳи нав баровардани илм ва таълимоти риёзӣ нигаронида шудаанд, муайян шуданд.

Бо масъулини соҳаи маориф, ректорҳо ва олимони математик мулоқот сурат гирифт.

— Асоси математикаро аҷдоди бузурги мо ба монанди Ал-Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Абурайҳон Берунӣ гузоштаанд. Математика дар хуни мост. Аммо дар тӯли бист соли охир сатҳи дониш дар ин илм коҳиш ёфтааст. Чунки мо ба муаллимон диққати зарурӣ, маоши муносиб дода натавонистем ва ба назди онҳо мақсади мушаххас нагузоштем. Оқибатҳои ин ҳоло дар бисёр соҳаҳо эҳсос мешаванд. Имрӯз ҳадафи мо дар рушди ин соҳа фароҳам овардани муҳити рақобат дар риёзиёт, тайёр кардани кадрҳои хуби самти саноат ва муҳандисӣ мебошад, — гуфт Президент.

Дар мулоқот бо олимон 31 майи соли равон сарвари давлат зарурати ташаккул додани шуури математикиро аз синни боғча таъкид кард. Аз ин рӯ, системае таъсис дода мешавад, ки дар он Донишкадаи математика таълими математикаро дар муассисаҳои таълими томактабӣ, мактабҳо ва муассисаҳои таълими олӣ ҳамоҳанг хоҳад кард.

Президент бо маросими тақдимоти дахлдор шинос шуда, пурсид, ки: «Оё дар ноҳияҳо таҳлили дониш ва малакаҳои муаллимони математика гузаронида мешавад? Боз аз ҷиҳати моддӣ ва ташкилӣ бояд кадом корҳоро анҷом диҳем?»

— Бо усули таълими дирӯза рушди математикаро суръат бахшидан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, бояд омӯзгорон бо роҳи офаридани барномаҳои таълимӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷии хуб тавсияшуда аз нав тайёр карда шаванд. Усул бояд чунин бошад, ки он дар кӯдакон муҳаббати математикаро бедор кунад. Донишҷӯён бояд дарк намоянд, ки ин илм дар ҳаёт, дар ҳама соҳа ба онҳо зарур аст. Ҷавонон набояд барои супурдани имтиҳон, балки барои мутахассисони бомаърифат шудан таҳсил гиранд, — қайд намуд Шавкат Мирзиёев.

Таъкид гардид, ки пайдо кардан ва ба мактаб даъват намудани ҷавононе, ки дар тӯли панҷ-даҳ соли охир донишгоҳҳои риёзиро хатм кардаанд ва номзадҳои илм ба муассисаҳои таълими олӣ муҳим мебошад. Супориш дода шуд, ки тартиби интихоби мудирони кафедраҳои математика ҷорӣ карда шуда, шӯрои мудирони кафедраҳо таъсис дода, мубодилаи мунтазами таҷриба ба роҳ монда шавад.

Дар донишкадаи математика 72 нафар кормандони илмӣ, аз он ҷумла панҷ академик фаъолият доранд. Дар тӯли ду соли охир 11 доктор ва 14 номзади илм тайёр карда шуданд. 422 мақолаи илмӣ (245 - дар хориҷа), 9 рисола (5 - дар хориҷа) нашр карда шудааст.

Маблағгузории таҳқиқоти бунёдӣ дар ин соҳа якуним баробар афзоиш ёфтааст. Системаи ҳавасмандкунии ҷавононе, ки дар мусобиқаҳои байналмилалии илмӣ ғолиб омадаанд ва устодони онҳо ҷорӣ карда шуд.

Зимни суҳбат шахсони мансабдори соҳаи маориф, олимон ва ректорҳо дар бораи ташкили платформаи таълими риёзиёт дар Ӯзбекистон қайд карданд ва инчунин муассисаҳои таълимӣ вазифадор карда шуданд, ки мақоми ин илмро дар ҷомеа баланд бардоранд.

Президент Шавкат Мирзиёев бо бинои нави Вазорати рушди инноватсионӣ, ки дар ҳудуди Шаҳраки донишҷӯёни ноҳияи Олмазор бунёд шудааст, шинос шуд.

Вазорати рушди инноватсионӣ мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 29 ноябри соли 2017 таъсис дода шудааст. Вазифаи асосии вазорат тезонидани рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ дар асоси дастовардҳои илми ҷаҳонӣ, ғояҳо ва технологияҳои инноватсионӣ муайян шуд.

Дар худи ҳамон сол дар Шаҳраки донишҷӯён барои вазорат ҷой ҷудо карда шуд ва сохтмони бино бо фарогирии дастовардҳои пешрафтаи илм ва дорои шароити муосир барои кори олимон ва муҳаққиқон оғоз ёфт.

Роҳбари давлат 2 декабри соли 2017 ва 24 майи соли гузашта бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ шинос шуд. Пас аз он Президент дастур дод, ки вазорат ба марказе табдил дода шавад, ки нерӯи илмии олимон муттаҳид карда, ғояҳои инноватсионӣ ба стартапҳо табдил ёфта, дар иқтисодиёт татбиқ карда шаванд.

Дар асоси дастурҳо лоиҳаи ҳамаҷонибаи дақиқ таҳия карда шуд. Дар натиҷа дар ин ҷо яке аз зеботарин биноҳои пойтахт бунёд ёфт.

Дар бинои панҷошёна муҳити инноватсионӣ фароҳам оварда шуд. Дар қабати аввал толори намоишӣ, амфитеатр, утоқи ихтироъкорони ҷавон, шуъбаи иттилоотӣ, китобхонаи электронӣ, қаҳвахона ва қабулхонаи шаҳрвандон мавҷуданд. Дар ошёнаи дувум маркази илмию амалӣ оид ба татбиқи коркардҳои инноватсионӣ, лабораторияҳои замонавии робототехника ва мехатроника, веб-барномасозӣ қарор доранд. Дар ошёнаи сеюм Маркази иттилооти илмию техникӣ, Маркази илмиву амалии низоми зеҳнии барномавии назди Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон, хонаҳо барои стартапҳо ҷойгир шудаанд. Дар қабатҳои боло утоқҳо барои кормандони вазорат, толорҳои конфронс мавҷуданд. Инчунин лабораторияҳои омӯзишӣ барои тадқиқоти аэрокайҳонӣ ва прототипсозии моделҳои 3D мавҷуд мебошанд.

Дар боғи атрофи бино фаввора, амфитеатри тобистона ва майдонча барои муаррифисозӣ сохта шудаанд.

Шавкат Мирзиёев нахуст бо толори намоишгоҳи интерактивӣ шинос шуд. Дар шоурум дар бораи маҳсулоти инноватсионии аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ ва ватанӣ коркардшуда, стартаплоиҳаҳо маълумот дода мешавад. Толор ба 8 блок тақсим карда шуда, 37 лоиҳаро дар соҳаҳои гуногун фаро мегирад.

Дар ин ҷо презентатсияҳои лоиҳаҳо оид ба робототехника, интиқоли технология, инчунин лоиҳаҳои аъзои Академияи ҷавонон, инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ, тандурустӣ, идоракунии давлатӣ баргузор гардида, бонки «оқил» фаъолият дорад.

Масалан, дар бахши робототехника роботҳои ширкатҳои пешбари хориҷӣ ба намоиш гузошта шудаанд. Ташрифовардагон метавонанд роботҳоро ҷамъ ё идора кунанд. Онҳое, ки мехоҳанд ба робототехника ҷиддӣ машғул шаванд, метавонанд ба лабораторияи омӯзишӣ ва таҳқиқотии ошёнаи дувум ташриф оранд.

Дар бахши трансфери технологияҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар бораи технологияҳои баланд, механизмҳои «оқил», инноватсияҳо барои ҳаёти ҳаррӯза метавонед маълумот гиред.

Якҷоя бо ширкати исроилии «Maya International» ба Тошканд технологияе оварда шуд, ки бо кӯмаки радифи сунъӣ беҳуда ҷорӣ шудани об ва газ дар труба муайян карда мешавад.

Бинобар маълумотҳо дар натиҷаи носозӣ дар трубопроводҳои магистралии пойтахт соле 215 миллион метри мукааб об талаф меёбад. Инро агар ба пул баргардонем, беш аз 5 миллион долларро ташкил медиҳад. Ин технология бобати пешгирии чунин бар ҳадар рафтан аҳамияти муҳимро молик аст.

Боз як лоиҳа дар соҳаи сохтмон ва саноати автомобилӣ - трансфери технологияи истеҳсоли ивазкунандаи моли хориҷӣ ва ба содирот мунҷаргардидаи шпатлёвкаи полиэфир ва ширеши полиэфир аз ҷониби Вазорати рушди инноватсионӣ дар ҳамкорӣ бо корхонаи муштараки Полша «Novol Asia» бомуваффақият ба амал татбиқ гаштааст. Ин шпатлёвка, ки бо худ хусусияти такмилдиҳанда ва ороишӣ дорад, метавонад дар саноати автомобилсозӣ ва мебелсозӣ истифода гардад.

Инчунин технологияи иморатҳои арзон, ки якҷоя бо ширкати «Cy Rewards»-и Малайзия татбиқ мегардад, тақдим гардид. Бартарияти ин технология аз он иборат аст, ки он имкон медиҳад биноҳои 2-3 ошёна дар муддати хеле кӯтоҳ сохта шавад. Ҳамзамон нархи як метри мураббаъ 300 долларро ташкил медиҳад.

Студияи интерактивӣ дар бинои вазорат онлайн-машғулотҳо, вебинарҳо ва видеодарсҳо пешниҳод мекунад. Студия инчунин, ба ҷавонон дар таҳсил ва такмили ихтисоси мутахассисон тавассути технологияҳои фосилавӣ дар доираи лоиҳаи «Як миллион барномасозон» кӯмак мерасонад.

— Кишвари мо дар соҳаи технологияҳои баланд низ дар ҷаҳон қафо мемонад. Мо Вазорати рушди инноватсиониро барои он таъсис додем, ки тамоми соҳаҳоро навсозӣ карда, ҳамқадами ҷаҳон бошем. Ин ҷамоа бояд то охири сол натиҷаҳои мушаххаси амалӣ нишон диҳад, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент ба воситаи иртиботи видеоконфронс бо мутахассисони Маркази технологияҳои пешқадами вазорат муколама доир намуд.

Давлат ба ҷалби мардум ба илм ва ҳавасмандгардонии корҳои илмӣ эътибори калон медиҳад. Бинои нави замонавии вазорат барои ин тамоми шароитҳо дорад. Ҷавонони боистеъдод имконият пайдо мекунанд, ки бо пешрафту технологияҳои навтарин шинос шаванд, инчунин дар лоиҳаҳои стартап иштирок кунанд.

Дар бино технологияи иловашудаи воқеият дар платформаи NazzAR истифода мегардад. Он ба истифодабарандагон имкон медиҳад, ки тавассути смартфони худ бо ашёҳои ҷаҳонӣ ҳамкорӣ кунанд.

Президент инчунин бо инноватсияҳо дар соҳаи тиб, лоиҳаҳои аъзои Академияи ҷавонон, лоиҳаҳо оид ба парвариши навъҳои нави пахтаи ба касалиҳо тобовар, баланд бардоштани ҳосили картошка ва гандум бо истифодаи технологияҳои генокаутӣ, бунёди гармхонае, ки барои парвариши харбуза дар фасли зимистон дар асоси технологияи Корея пешбинӣ шудааст, шинос шуд. Роҳбари давлат хидмати иттилоотӣ, китобхона ва толори конфронси вазоратро аз назар гузаронд.

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

(Давомаш дар саҳ.2).

# Президенти Ӯзбекистон бо президенти БТТА мулоқот кард

**11 июн Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо президенти Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо Сума Чакрабарти ба тарзи иртиботи конфронси видеоӣ гуфтушунид кард.**

Дар оғози суҳбат роҳбари давлати мо сатҳи баланди ҳамкориҳои тарафайн ва пурмаҳсули Ҷумҳурии Ӯзбекистонро бо Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо, ки солҳои охир ба даст омадаанд, бо қаноатмандии амиқ қайд намуд.

Ба шарофати муштаракона татбиқ намудани дастурҳои Стратегияи кишварии бонк ва «Харитаи амалиёт» алҳол БТТА яке аз шарикони асосӣ бобати пешбурди барнома ва лоиҳаҳои бартаринок ба шумор меравад, ки ба таъмин сохтани рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии мамлакати мо нигаронида шудаанд.

Ҳоли ҳозир маҷмӯи лоиҳаҳо тақрибан 1,2 миллиард долларро ташкил медиҳад ва тамоми самтҳои афзалиятнокро дар бар мегирад. Дар ин маврид сеяки тамоми маблағҳои ҷудошуда ба дастгирии сектори хусусӣ ва соҳибкорӣ, аз ҷумла ба мақсади кам кардани оқибатҳои манфии пандемияи коронавирус дар ҷумҳурӣ равона карда мешаванд. Ғайр аз ин, таклифҳои нави лоиҳавӣ ба маблағи тақрибан як миллиард доллар дар муҳокимаи ҷонибҳо қарор доранд.

Коршиносони бонк ҳамчунин дар коркарди ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва ташаббусҳои стратегии соҳаҳои шарикии давлативу хусусӣ, рушди бозори сармояҳо, ислоҳсозии сектори бонкӣ ва соҳаҳои дигари иқтисодиёти Ӯзбекистон фаъолона иштирок карданд.

БТТА намояндагии худро дар Тошканд вусъат дод, дар Андиҷон идораи худро ташкил намуд. Соли оянда дар Урганҷ ба роҳ монда шудани кори идораи он пешбинӣ мегардад.

Президенти кишвари мо дар бораи натиҷаҳои амалии ҳамкории тарафайн сухан ронда, ба Сума Чакрабарти барои саъю кӯшиши фаъол ва саҳми шахсияш дар таҳкими эътимоди тарафайн ва рушди ҳамкориҳои муфид самимона миннатдорӣ баён кард.

Дар навбати худ роҳбари яке аз идораҳои пешқадами байналхалқии молиявӣ барои ташкили вохӯрӣ дар чунин сатҳи баланд миннатдории амиқ изҳор карда, қатъияти бонкро бинобар ҳамаҷониба дастгирӣ намудани роҳи нави ислоҳоте, ки дар Ӯзбекистон татбиқ мешаванд ва сиёсати минтақавиро дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, аз тариқи вусъат додани маҷмӯи лоиҳаҳо ва ҳаҷми кӯмакҳои молиявиву техникӣ таъкид сохт.

Сума Чакрабарти чораҳои маҷмӯиеро, ки дар мамлакат бинобар аз байн бардоштани оқибатҳои ҳодисаи фавқулодда дар вилояти Сирдарё амалӣ мешаванд ва роҳ надодан ба паҳншавии пандемия дар ҷумҳурӣ баҳои баланд дод.

Дар ҷараёни конфронси видеоӣ масъалаҳои вусъат додани ҳамкориҳои муфиди тарафайн ҳамаҷониба баррасӣ шуданд. Ба иштироки БТТА дар трансформатсияи корхонаҳои давлатӣ ва хусусигардонии бонкҳо, кӯмак барои ислоҳоти сектори энергетикӣ ва соҳаҳои нафту газ, самарабахш аз худ намудани вомҳои ҷудошуда, вусъат додани бо маблағ таъминкунии тиҷорат, аз ҷумла, лоиҳаҳо дар саноати бофандагӣ эътибори махсус дода шуд.

Дар бораи идома додани робитаҳои муттасил ва мубодилаҳо, аз ҷумла, муштаракона тайёр кардани вохӯриҳои минбаъдаи Шӯрои сармоягузорони хориҷӣ дар Тошканд ва ҷамъомади Шӯрои роҳбарони БТТА дар Самарқанд соли 2023-юм муоҳидаҳо имзо шуданд.

**ӮзА.**

# ХАБАРИ МУХТАСАР

## дар бораи ҷамъомади Шӯрои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

***11 июн ҷамъомади Шӯрои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор шуд.***

Дар он дар бораи 19 июни соли равон даъват намудани ҷамъомади умумии панҷуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарор қабул шуд.

Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Норбоева таъкид кард, ки фикру ақидаи халқ оид ба ҳар як масъала, ки ба рӯзномаи ҷамъомади умумӣ дохил карда мешавад, бояд ба назар гирифта шавад, инчунин дар минтақаҳо масъалаҳое, ки бояд ба муҳокимаи ҷамъомади умумӣ ворид карда мешаванд, мунтазам омӯхта шаванд.

Дар рафти ҷамъомади умумӣ, ки дар шакли алоқаи видеоконфронс баргузор мегардад, баррасии як қатор масъалаҳои муҳим ба назар гирифта шудааст.

Дар байни онҳо қонунҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ", "Дар бораи шикор ва хоҷагии шикор", "Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ", "Дар бораи фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ" мебошанд.

Ғайр аз он, сенаторон қонунҳо «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи истифодаи оқилонаи энергия», «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноиву иҷрои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба таъмини боэътимоди ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон нигаронда шудааст», «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон»-ро баррасӣ хоҳанд кард.

Қонунҳо «Дар бораи ратификатсияи Баённома дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Созишномаи байни давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай оиди баргузории машқҳои муштараки ҳарбӣ аз 27 июни соли 2007 (Бишкек, 29 апрели соли 2019)», «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Баённома оид ба манъи истифодаи газҳои гулӯгиранда, заҳрнок ё ки инчунин газҳои ба он монанд ва воситаҳои бактериологӣ (Женева, 17 июни соли 1925)» низ дар рӯзномаи ҷамъомади умумӣ қарор доранд.

Дар баробари ин шунидани ахбори вазири адлияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи корҳое, ки соли 2019 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаи тарғиботи ҳуқуқӣ ва маърифатнокӣ амалӣ шудаанд, ҳисоботи ҳокими вилояти Самарқанд оид ба рушди ҳудудҳо ва фаъолияти Шӯроҳои маҳаллии вакилони халқ ба назар гирифта шудааст.

Масъалаи фиристодани дархостҳои парлумониро ба Девони Вазирон дар бораи ҳолати иҷрои қонунгузорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, инчунин мушкилоте, ки бинобар масъалаҳои партовҳо ва таъсири он ба саломатии аҳолӣ ба вуҷуд меоянд, баррасӣ хоҳанд шуд.

Дар ҷамъомади Кенгаш дар бораи ворид намудани тағйирот ба ҳайати кумитаҳои Сенат, аз ҷумла, дар бораи ба ҳайси аъзои Кумитаи оид ба масъалаҳои ҷавонон, фарҳанг ва варзиш интихоб намудани Қудратулла Рафиқов ва ба ҳайси аъзои Кумитаи оид ба масъалаҳои буҷа ва ислоҳоти иқтисодӣ интихоби Санобар Суярова қарор қабул шуд.

**Хидмати ахбори Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# АГАР ДАР ҲАР СОҲА ИЛМ РИВОҶ ЁБАД, НИҲОЯТ УСТУВОРИИ ИҚТИСОДӢ ТАЪМИН МЕГАРДАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Имрӯз аз ҷониби Вазорати рушди инноватсионӣ барои таъмини ҳамгироии илм ва истеҳсолот низоми зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Ғояҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳои пажӯҳишгоҳҳо ва олимон дастгирӣ карда мешаванд, 31 стартап-лоиҳа ба маблағи 28,2 миллиард сӯм маблағгузорӣ шуданд. Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳоло якҷоя бо шарикон аз Олмон, Русия ва Белорус 38 лоиҳаи муштарак ба маблағи 9,6 миллиард сӯм татбиқ карда мешавад.

Ба вазорат супурда шуд, ки аз ваколатҳо ва шароити мусоид самаранок истифода бурда, коркардҳоро дар соҳаҳо ҷорӣ кунад.

Беҳбудӣ дар хона калиди хушбахтии ҳақиқист. Ҷои кори доимӣ бошад, кафолати даромади доимӣ мебошад. Ҳардуи ин омилҳо дар таъмини қаноатмандии одамон аз ҳаёт нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, аз ҳисоби сиёсати пурзӯри иҷтимоии мамлакатамон барои таъмини ин эҳтиёҷоти аҳолӣ эътибори махсус дода мешавад.

Як сол пеш, 24 майи соли 2019, Президент Шавкат Мирзиёев бо намояндагони таълими олӣ ва арбобони илм дар Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон мулоқот баргузор карда буд. Баъд аз он ӯ ба беҳбуди вазъи олимон ва устодон таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, супориш дода буд, ки барои онҳо биноҳои бисёрошёна сохта шаванд.

Ҳамин тавр, дар ҳудуди Шаҳраки донишҷӯён шаш манзили 9-ошёна бо 216 хонаҳои муҷаҳҳаз сохта шуд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳангоми сохтмон аз деворҳои сарфакунандаи энергия истифода шуданд. Деворҳои берунаи биноҳо бо маводи сарфаи энергия, ки дар асоси технологияҳои инноватсионӣ сомон дода шудаанд, пӯшонида шудааст. Зимистон дар ин хонаҳо гарм ва дар тобистон сард хоҳад буд.

Ба ғайр аз ин, хонаҳо бо низомҳои гармидиҳии мустақил муҷаҳҳаз карда шудаанд. Дар саҳни ҳавлӣ низоми назорати видео фаъолият дорад.

Хонаҳо ба соҳибонашон дар шакли таъмиршуда, бо плитаҳои газ ва сантехника дода шуданд.

Дар ҳудуд 2 майдончаи бачагона ва ҷойи исти мошинҳо ташкил карда шудааст.

Зимни сафари худ ба ноҳияи Олмазор сарвари давлатамон бо шароити хонаҳои истиқоматӣ шинос шуда, бо соҳибони онҳо суҳбат орост.

— Шумо ва дар симои шумо тамоми оилаҳоеро, ки дар ин ҷо истиқомат мекунанд, бо чунин манзили бароҳати замонавӣ табрик мегӯям. Худам ҳам аз деҳа омада, ҳамчун шахсе, ки 15 сол дар хонаи иҷора зиндагӣ кардааст, қадри сарпаноҳи худро хеле хуб дарк мекунам. Мо аз олимону омӯзгорон натиҷаҳоро талаб кардем, аммо ба шароити зисти онҳо таваҷҷӯҳ нанамудем. Вақти он расидааст, ки дархостҳои шуморо қонеъ кунем. Олимон дурри тиллоии мамлакати мо мебошанд. Фарзандони мо —ояндаи мо дар дасти онҳо тарбия мегиранд. Агар омӯзгорон хонаи худро дошта бошанд, барои оилаи худ ором бошанд, онҳо бо муҳаббат ба касб ва садоқат ба Ватан кор хоҳанд кард. Мехоҳам, ки дар ин хонаҳо хушбахтона зиндагӣ кунед ва тӯйҳо барпо кунед. Бигузор, фарзандону наберагонатон донанд, ки падару модарони онҳо дар интихоби илм хато накарда буданд, — гуфт Президент.

Дар натиҷаи ислоҳоти ҷории солҳои охир дар мамлакат дар бобати сектори хусусӣ дар соҳаи тандурустӣ дар маҳалҳо муассисаҳои замонавии тиббӣ бунёд мегарданд.

Яке аз чунин субъектҳо муассисаи тиббии бисёрсоҳаи «NANO Medical Clinic» дар ноҳияи Олмазор ба шумор меравад.

Дар бинои табобатӣ, ки моҳи декабри соли гузашта кушода шуда буд, поликлиникаи машваратӣ амал мекунад, статсионар барои 35 тӯшак ва ҳамчунин шуъбаҳои тиббиёти ядроӣ, гемодиализ ва терапия ва ҳамчунин лаборатория вуҷуд доранд.

Лоиҳае, ки аз рӯи он клиника дар асоси таҷрибаи хориҷӣ бунёд гаштааст, боиси таваҷҷӯҳи зиёди роҳбари давлат гардид. Аз он ки дар он ҳар як метри майдон оқилона истифода гаштааст, ҳама ҷиҳати кор ба инобат гирифта шудааст, ки инҳоро Президент Шавкат Мирзиёев таъкид намуда, ногузирии омӯзиши таҷрибаи мазкурро зимни лоиҳакашии дигар объектҳо зикр кард.

Клиника табобати консервативиро дар ҷанбаи эндокринология, неврология, кардиология, офталмология, урология, оториноларенгология пешниҳод намуда, ҳамчунин чунин хидматҳои физиотерапия ва ташхис бо истифода аз рентгенографияи рақамӣ, томографияи компютерӣ, денситометрияро пешбинӣ менамояд. Дар ин ҷо 15 духтури дараҷаи олӣ меҳнат мекунад.

Бояд таъкид кард, ки дар муассисаи мазкур тиббиёти ядроӣ ва радиологияи интервенсионӣ корбурд мешавад, ки ба тадқиқоти радионуклид асос ёфтааст. Технология дар ифшососӣ ва табобати бемориҳои гуногуни эндокрин ва онкологӣ истифода мегардад. Кор бо он зери назорати Агентии байналхалқии энергияи атом (АБЭА) ташкил гаштааст. Ғайр аз ин ҳамкорӣ бо марказҳои пешқадами тиббии Олмон, Туркия, Русия роҳандозӣ гаштааст.

Дар шуъбаи гемодиализ бо ташхисгузории дақиқ ва табобати бемориҳое машғуланд, ки метавонанд ба заиф гардидани гурда ва дигар узвҳо оварда расонанд. Дар ин ҷо гемодиализ, гемодиафилтратсия ва плазмаферез ба амал оварда мешаванд.

Мутахассисони клиника усули мушаххассозии (денситометрияи ултрасадои устухон) муайян намудани зичии маъдании бофтаи устухонро бомуваффақият ба кор мебаранд.

Маълумотҳои денситометрия хеле гарон аст, духтур бо кӯмаки ҳисобу китоб зичии миқдории бофтаҳои устухонро муфассал меомӯзад.

Имрӯз дар доираи марҳалаи дуюми лоиҳа бинои сеошёнаи чарроҳӣ сохта мешавад. Ин дастрасиро ба хидмати тиббии дараҷаи ҷаҳонӣ таъмин намуда, 60 ҷойи нави кор ба вуҷуд меорад.

Дар ин ҷо ба роҳбари давлат дар бораи корҳое, ки дар сектори хусусии тандурустӣ бурда мешавад, маълумот дода шуд.

Қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чорабиниҳо оид ба рушди минбаъдаи сектори хусусӣ дар соҳаи тандурустӣ» аз 1 апрели соли 2017 ва «Дар бораи ба вуҷуд овардани шароити иловагӣ барои инкишофи минбаъдаи ташкилотҳои хусусии тиббӣ» аз 29 декабри ҳамон сол дар ин соҳа имконоти васеъ фароҳам оварданд.

Барои мисол, миқдори намудҳои хизматҳое, ки клиникаҳои хусусӣ ба кор гирифта метавонанд, аз 50 то 129 афзуда шуд. То муддати 1 январи соли 2022 ба онҳо имтиёзоти андоз ва гумрук дода шуд.

Дар натиҷа соли 2017 муассисаҳои хусусии тиббӣ 3454-ро ташкил намуд, дар ҳолати то 1 июни соли ҷорӣ бошад, ба 5612-то расид. Беш аз 11 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд оварда шуд.

Маълумот дар бораи коре пешниҳод гардид, ки дар бобати ба соҳаи тандурустӣ татбиқ намудани технологияи иттилоотӣ ва истифодаи босамари онро ба нақша даровардааст.

Президент дар заминаи ташкили клиникаҳои замонавӣ дар минтақаҳо, ҳамзамон барои пурзӯр намудани рақобат дар соҳаи хидмати тиббӣ супориш дод, ки ин барои беҳсозии сифат ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ хидмат менамояд.

Роҳбари давлат имрӯз инчунин аз корхонаи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «ARDENT FOODS» дар ноҳияи Олмазор боздид ба амал овард.

Ин намунаи дурахшони таҷассуми самаранокии сиёсат дар бобати ба вуҷуд овардани иқтидорҳои нав ва коргоҳҳо дар пойгоҳи биноҳои холӣ ба шумор меравад.

Корхона, ки иқтидори лоиҳавиаш беш аз 77 миллиард сӯм аст, аз ду хати истеҳсолӣ иборат мебошад. Яке 20 намуди маҳсулоти қандалот, дигаре маҳсулоти хӯроквории зудпаз истеҳсол менамояд. Дар ин ҷо 150 нафар меҳнат мекунанд.

Маҳсулот ҳоли ҳозир ба Тоҷикистон ва Афғонистон содир мегардад. Ба бозорҳои нави хориҷӣ баромадан ва содиротро то охири соли ҷорӣ то 45 ҳазор доллар расондан ба нақша гирифта шудааст.

Дар заминаи васеъ намудани номгӯйи маҳсулот ва ба вуҷуд овардани ҷойҳои иловагии кор тавсияҳо дода шуд.

Ҳангоми боздид аз ноҳияи Олмазор Президент бо фаъолияти корхонаи муштараки «Next Generation Product» шинос гардид.

Дар ин ҷо соле 460 ҳазор василаҳои обгармкунии электрикӣ ва офтобии тамғаи Royal ва 75 ҳазор дегҳои гармидиҳӣ бо тамғаи олмонии Viessmann истеҳсол мегардад. Дар корхона 530 нафар кор мекунанд.

Маҳсулот ба Русия, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Афғонистон содир мегардад.

Сарфи назар аз пандемия, суръати истеҳсолот дар корхона суст нагаштааст. Дар моҳҳои январ – май содирот 1,8 миллион долларро ташкил намуд. То охири сол то ба 7 миллион доллар афзудани ин нишондод ба нақша гирифта шудааст.

Ба роҳбари давлат инчунин дар бораи лоиҳаҳои истиқболнок маълумот дода шуд. Президент дар заминаи зиёд намудани номгӯйи маҳсулот ва ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор супориш дод.

Президент Шавкат Мирзиёев бо фаъолони ноҳияи Олмазор вохӯрӣ баргузор намуд, дар он инчунин роҳбарони масъул ва намояндагони насли бузург иштирок намуданд.

– Ин сафари чоруми мо дар се соли охир ба Олмазор мебошад. Оё дар ноҳия тағйирот вуҷуд дорад, ҳаёти одамон беҳтар мегардад? – ин саволҳо маро дар ташвиш мегузоранд. Имрӯз мо бояд натиҷаҳоро таҳлил намоем, бо шумо маслиҳат кунем ва самт ва нақшаҳои навро муайян созем, – таъкид кард роҳбари давлат.

Масъалаҳои кам намудани қашшоқӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор, беҳсозии шароити ҳаёти аҳолӣ муҳокима гардиданд.

Дар натиҷаи дар Олмазор хона ба хона гаштан 3023 оилаи эҳтиёҷманд муайян карда шуд. Аъзои 568 чунин оила бо ҷойи кор таъмин гардиданд. Ин оилаҳо аз тоифаи камбизоат хориҷ карда шуданд.

Дар вохӯрӣ муовини Сарвазир дар бораи кори оянда дар заминаи аз қашшоқӣ баровардани 2455 оилаи боқимонда то охири сол ҳисобот пешниҳод намуд.

Соли ҷорӣ ба кор андохтани 48 лоиҳаи сармоягузорӣ ба миқдори 3 триллион сӯм ба нақша даромадааст. Пешниҳодоти лоиҳавӣ дар бобати ба вуҷуд овардани корхонаҳои нав дар пойгоҳи 12 объекти давлатии холӣ ва 97 бинои қаблан хусусигардида ва холӣ, инчунин қитъаҳои замин баргузор гардид.

Бо мақсади ба кор андохтани захираҳо барои лоиҳаҳои нав роҳбари давлат дар ноҳияи Тошканд дар сарҳад бо ноҳияи Олмазор ҷудо намудани 200 гектар замин ва дар он ташкил намудани минтақаи нави саноатиро пешниҳод намуд. Дар корхонаҳоиояндаи минтақаи саноатӣ имкони ба вуҷуд овардани на камтар аз 60 ҳазор ҷойи нави кор вуҷуд дорад.

Дар майдони 482 гектар, аз ҷумла дар бозори Чорсу, кӯча ва маҳаллаҳои Заркарнай, Сагбон, Себзор, Қарасарой, Гӯзалбоғ ва ғайра маконҳои замонавии сайёҳӣ, тиҷоратӣ ва дилхушкунанда – музейи зери осмони кушод ба вуҷуд оварда мешаванд. Устохонаҳои ҳунармандӣ ва пештахтаҳо, чойхонаву меҳмонхона, музейҳои хурд ташкил карда мешаванд.

Дар бораи ба Чирчиқ кӯчондани заводи агрегат, дар ҷойи он бунёд намудани биноҳои арзони 12, 14, 16 ошёна ва ҳамчунин ба вуҷуд овардани шаҳри ҳамрадиф дар майдони 260 гектар дар ноҳияи Тошканд барои 150 ҳазор аҳолӣ дар ҳамсоягӣ бо ноҳияи Олмазор супоришҳо дода шуд.

Намояндагони ҷамъият дар бораи корҳои ҷории ноҳия фикр ва пешниҳодоти худро баён намуданд.

**Матназар ЭЛМУРОДОВ,**
**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**

***Дар ҷараёни робитаи конфронси видеоии байни директори Маркази тадқиқоти иқтисодӣ ва ислоҳот (МТИИ)-и назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Обид Ҳакимов, Сафири кишвари мо дар Белгия Дилёр Ҳакимов, директори иҷрогари клуби матбуотии Брюссел Лоран Бриха ва корманди ин клуби матбуотӣ афзалиятҳо бинобар 8 самти асосии бартариноки рушди минбаъдаи иқтисодиёти Ӯзбекистон дар соли равон баррасӣ шуданд.***

# ҲАШТ САМТИ БАРТАРИНОКИ РУШДИ МИНБАЪДАИ ИҚТИСОДИЁТИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР СОЛИ РАВОН БОИСИ РАҒБАТИ КЛУБИ МАТБУОТИИ БРЮССЕЛ ГАРДИД

Дар ҷараёни суҳбат ҷонибҳо натиҷаҳои машварати бахшида ба масъалаҳои таъмин сохтани эътидоли иқтисодиёти миллиро, ки 9 июн таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев баргузор гардид, муҳокима карданд.

Таъкид шуд, ки тӯли се моҳи охир ба соҳаҳои иқтисодиёт 2,3 триллион сӯм имтиёзҳои андоз пешниҳод гардиданд, аз ҷониби Бунёди зиддибуҳронӣ 3,6 триллион сӯм ҷудо карда шуд.

Қайд гардид, ки маҳз стратегияи мақсаднок ва амиқ андешидашудаи роҳбарияти Ӯзбекистон имкон медиҳад рушди минбаъдаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар шароити буҳрони ҷаҳонии иқтисодиёт таъмин карда шавад.

Хотиррасон менамоем, ки мувофиқи пешгӯии Бонки умумиҷаҳонӣ дар соли 2020-ум 5,2 фоиз коҳиш ёфтани маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонӣ пешбинӣ мегардад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ИМА 6,1, Русия 6, Иттиҳоди Аврупо 9,1 фоиз коҳиш меёбад. Ҳамзамон тараққии иқтисодиёти Чин ба андозаи 1 фоиз, Ӯзбекистон 1,5 фоиз пешбинӣ мешавад.

**АИ «Дунё»,**
*БРЮССЕЛ.*

## ХАБАРҲО

### Ҳокими вилоят бо афвшудагон вохӯрд

***Ҳокими вилояти Самарқанд Э.Турдимов бо шаҳрвандоне, ки дар асоси Фармони Президент «Дар бораи омурзиши гурӯҳи шахсоне, ки муҳлати ҷазоро адо мекунанд, аз кирдори худ сидқидилона тавба кардаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ гузаштаанд» авф гардида, ба озодӣ баромадаанд, суҳбат кард.***

Дар рафти суҳбат вазъи имрӯзаи онҳо омӯхта шуда, ба мутасаддиён аз рӯйи беҳсозии шароити оилавиашон супоришҳои аниқ дода шуд.

Аз ҷумла, ба сокини маҳаллаи Қарамӯйини ноҳияи Ҷомбой Т.Носиров, ки барои содир кардани ҷиноят тӯли солҳо дар ҳабс буд ва дар асоси фармон афв гардидааст, аз рӯйи бо кор таъмин кардан, ҷудо намудани ёрии моддӣ ва барқарор намудани таҳсили ӯ дар коллеҷи касбу ҳунари технологияи ахбор супориш дода шуд.

Инчунин, барои дар ҳавлии худ гармхона ташкил кардани яке аз сокинони маҳаллаи Қаротеппаи ноҳияи Ургут, ки аз ҳабс озод карда шуд, доир ба ҷудо кардани 6 миллиону 600 ҳазор сӯм субсид мутасаддиён вазифадор гардиданд.

Истиқоматкунандаи маҳаллаи Тошариқи ноҳияи Ургут И.Бобомуродов аз ҳокими вилоят барои бунёди гармхона дар замини наздиҳавлигиаш ёрӣ пурсид. Таъкид гардид, дар ин масъала ба ӯ ёрии амалӣ расонида мешавад.

Ҳокими вилоят Э.Турдимов ба мутасаддиён супориш дод, ки шаҳрвандони аз ҳабс озодгардида ва аъзои оилаи онҳо пурра аз санҷиши тиббӣ гузаронида ва муаммову мушкилоти онҳо ҳал карда шавад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

### Комёбии ғаллакорони Қаровулбозор

***Деҳқонони ҳимматбаланди ноҳияи Қаровулбозор дар шароити мураккаби имсола низ ба анъанаи худ содиқ монданд. Онҳо тирамоҳи соли гузашта дар 5525 гектар майдон гандум корида ба парвариши он эътибори ҷудогона доданд.***

Риояи қатъии қоидаҳои агротехникӣ боиси фаровонии ҳосил гардид. 147-то хоҷагии фермерӣ имсол дар қатори «Старшина», «Пловчанка» навъҳои «Аср»,»Гром», «Краснодарская- 99»-ро аз озмоиш гузаронда хато накарданд. Мавсими дарав деҳқононро хеле шод кард. Онҳо дар давраи як ҳафта ба давлат ба ҷои 13858 тоннаи пешбинишуда 14000 тонна гандуми хушсифат супорида, 10 июн ба марраи мурод расиданд. Бояд таъкид намуд, ки ҳамаи хоҷагиҳои фермерии ҳудуд комёб гардидаанд. Хусусан хоҷагиҳои фермерии «Истиқлол» (роҳбараш Ҳасан Рӯзиев), «Фазо БЗШ» (сарвараш Бахтиёр Бобоқулов), «Бӯзачӣ» (сардораш Мурод Исмоилов), «Аҳтам Даврон» (роҳбараш Аҳтам Давронов), «Самандар Араб» (сарвараш Саид Турдиев), «Мелс Лазизбек» (сардораш Анвар Темиров), «Замир Амон» (роҳбараш Воҳид Икромов), «Истам Сафар замини» (сарвараш Темур Сафаров), «Сардор Облоқулов» (сардораш Содиқ Облоқулов), «Қаровулбозор» (роҳбараш Сунъатулло Бозоров) нақшаи солонаро бештар аз 110 фоиз иҷро карданд. Дар ноҳия ғунучини ҳосил давом дорад. Деҳқонон ният доранд, ки то охири мавсим истеҳсоли ғалларо ба 25 ҳазор тонна ва ҳосилнокиро ба 60 сентнерӣ расонанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

### Дасти мадад дароз мекунем

***Дар Ӯзбекистон миллатҳои зиёд дар фазои дӯстиву бародарӣ аҳлона зиндагӣ мекунанд. Алҳол дар даҳ ҳудуди мамлакатамон марказҳои миллӣ-фарҳангии тоҷикон кор мебаранд.***

Дар донишгоҳҳои Самарқанд, Фарғона, Бухоро, Ҷиззах ва Тирмиз гурӯҳҳои тоҷикӣ фаъолият доранд. Дар баъзе мактабҳои ноҳияҳои вилояти Ҷиззах низ таълим ба забони тоҷикӣ мебошад.

Маркази мо дар ҷашнвораву чорабиниҳои ҷумҳуриву вилоятӣ фаъолона иштирок менамояд. Аъзоёни марказ дар давраи карантин аз ҳоли куҳансолон, ногироён ва шахсони ба кӯмаки иҷтимоӣ муҳтоҷ хабар мегиранд, ба корҳои рӯзгор, замини рӯйи ҳавлӣ, ба онҳо расонда додани маҳсулоти хӯроквори кӯмак мерасонанд.

Ман ҳамчун аъзои Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ҷиззах аз ин дӯстию бародарӣ, якдилӣ ва ҳамҷиҳатӣ фахр мекунам.

**Ноила ДАВЛАТОВА,**
**аъзои Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах.**

***Бо ширкати бузургтарини «Beijing Xinyu Yatong International Trade Co.Ltd»-и Чин муоҳида бинобар расонда додани ҳосили нави гелоси Ӯзбекистон дар ҳаҷми 5 ҳазор тонна ба имзо расид.***

# ҚАРОРДОД БАРОИ РАСОНДА ДОДАНИ 5 ҲАЗОР ТОННА ГЕЛОСИ ӮЗБЕКИСТОН БА ЧИН ИМЗО ШУД

Сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Чин бо бузургтарин харидорони чинӣ, иттиҳодияҳои тиҷоратӣ, ритейлерҳо бобати вусъат додан ва диверсификатсия кардани сохтори савдои дуҷонибаи байни кишвари мо ва ҶМЧ корҳои мунтазамро идома медиҳад.

Ба фурӯши фаъолонаи маҳсулоти меваву сабзавоти ватанӣ дар бозорҳои кишвари мазкур эътибори махсус дода мешавад. Бинобар корҳое, ки дар ин самтҳо бо ширкати бузургтарини Чин «Beijing Xinyu Yatong International Trade Co.Ltd» гузаронида шуданд, бобати расонда додани гелос аз Ӯзбекистон ба Чин қарордод ба имзо расид. Аз ҷумла муоҳида барои расонда додани ҳосили нави гелос дар ҳаҷми 5 ҳазор тонна имзо гардид.

Ҳосили нави пешбинишудаи гелос аз тамоми тартиботи коркарди содиротӣ ва тайёрӣ ба фурӯш аз тариқи таҷҳизоти замонавӣ (ҷамъоварии ҳосил, сардкунӣ бо гидрокулер, ба навъҳо ҷудокунӣ бинобар рангу ҳаҷм, борбандӣ, фумигатсия, нигаҳдорӣ) гузаронида мешавад. Мувофиқи талаботи харидорони хориҷӣ ҳосили нав дар борхалтаҳои махсуси замонавии «ҳаворас» бинобар технологияҳои MAP (Modified Atmosphere Packaging) барои дароз кардани муҳлати нигоҳдории маҳсулоти содиротӣ ҷогузин карда мешавад.

Бори аввалини гелос, ки дар боғҳои ширкати «Samarkand Garden Plast» (вилояти Самарқанд, ноҳияи Булунғур) рӯёнда шудааст, 5 июн аз тариқи хатсайри махсуси боркашони миллии «Ӯзбекистон ҳаво йўллари» ба шаҳри Шанхай фиристода шуд.

Бояд гуфт, ки пас аз бори аввалин ширкати чинӣ ният дорад ҷуғрофияи расондадиҳии онро ба вилоятҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ (Гуандун, Сзянсу, Чжетзян, Сичуан ва шаҳри Чунсин), ки дар онҳо гелоси мо талаботи зиёд дорад, афзун кунад.

Барои расонда додани маҳсулоти меваву сабзавоти содиротии Ӯзбекистон ба бозорҳои Чин аз ҷониби содиргарони ширкатҳои ватанӣ, бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Бонки саҳомиву тиҷоратии «Туронбонк» низ, аз тариқи таъҷилан ҳаллу фасл кардани амалиётҳои байналхалқии бонкӣ кор бурда мешавад.

**Шуҳрат УМИРОВ,**
**АИ «Дунё»,**
*ПЕКИН.*

# ОЁ ИМКОНИ САРФИ НАЗАР АЗ ШИКАНҶА ФАРОҲАМ ОВАРДА ШУДААСТ?

***Шиканҷа маънои азоб, озор ва ранҷро мефаҳмонад. Дар чаҳорчӯби ҳамин масъала Академияи Прокуратураи генералии ҷумҳурӣ чанде қабл шунидани маърӯзаҳо ва баррасии ин мавзӯъро дар меҳвари як брифинг қарор дод. Дар он ҷонишини Сарпрокурор Светлана Ортиқова, як гурӯҳ коршиносони ин соҳа ва намояндаи Омбудсмани назди Олий Маҷлис ширкат карданд.***

Иштирокчиёни брифинг даставвал пиёда шудани ислоҳоти доманфарох дар бобати пешгирӣ аз шиканҷа дар кишвар ва лоиҳаи қарори Президенти мамлакат "Дар бораи чораву тадбирҳои куллан такмил додани системаи пешгирии шиканҷа ҳангоми ҷустуҷӯ, тафтиш ва иҷрои ҷазо"-ро ба таври васеъ муҳокима карданд.

Оё дар муассисаҳои иҷрои ҷазо, изолятори бозпурсиҳо, ҳабсхонаҳои махсус ва амсоли он шиканҷаву азияти маҳбусон ва гумонбарон кам шудааст ё на? Ба ин савол ҷавоби мусбат додан ҳанӯз ғайриимкон мебошад. Зеро танҳо дар се соли охир 33 парвандаи ҷиноӣ боз карда шуд, ки маҳз ба ҷиноятҳои марбут ба шиканҷаи маҳбусон ва "бошандагон"-и маҳбасхонаҳои муқаддамотӣ арзёбӣ гардид.

Ба гуфтаи С. Ортиқова як гурӯҳ шахсоне, ки ба далели сӯиистеъмоли вазифаву мақом ҷиҳати шиканҷакунӣ айбдор дониста шуданд, мувофиқи қонунгузориҳои ҷумҳурӣ ҷавоб медиҳанд. Таъкид гардид, ки аксари ин ашхос кормандони идораҳои корҳои дохилӣ ва хадамоти амният мебошанд.

Маълум шуд, ки дар ҳамин ҳол назорати ҷараёни ҳар гуна корҳои тафтишотӣ, бозпурсиҳо аз тарафи кормандони додситонӣ назорат карда мешаванд.

– Агар дар боздоштгоҳҳои муқаддамотӣ ҳуқуқи боздоштшудагон поймол гардад, барои гумонбар сари вақт истифода аз хидмати вакили мудофеъ таъмин нагардад, дар ҷараёни бозпурсиҳо дастгоҳҳои сабту назораткунанда хомӯш карда шаванд, шахсияти боздоштшудагон таҳқир шавад, ҳатман дар муқобили афроде, ки ба ин қонунвайронкуниҳо даст задаанд, вакили додситонӣ парвандаи ҷиноӣ боз мекунад,– мегӯяд ҷонишини Прокурори генералӣ.

Ӯ илова намуд, ки баъдан ин парванда ҳатман ба додгоҳ интиқол дода мешавад ва додгоҳ тибқи қонун ба чунин кормандони идораҳои анҷомдиҳандаи амалиёти бозпурсӣ ҷазо муқаррар мекунад. Ба таъкиди вай дар таҷрибаи онҳо чунин корҳо ба вуқӯъ пайвастаанд ва дар ин бора вай тавонист бо рақамҳои мушаххас мисолҳо низ оварад.

Бино ба гуфтаҳои ин намояндаи Прокуратураи генералӣ дар сурати тасдиқи далелҳо, новобаста аз он ки шахси вазифадор дар идораҳои ниҳодҳои қудратӣ кадом мақому манзалатро ишғол мекунад, ҳатман ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида хоҳад шуд.

Гуфта мешавад, агар шахси масъул дорои маълумот, малакаву маҳорати касбӣ бошад, ҳоҷати истифода аз шиканҷа нест. Ҳамчунин, дар ҳар шароиту вазъият истифодаи шиканҷа қобили қабул намебошад.

Аммо пӯшида нест, ки чанд муддат кормандони идораҳои додситонӣ, интизомӣ ва амниятӣ бо истифода аз усулҳои ғайриқонунӣ ашхоси зиёдро ба азияту озор мувоҷеҳ кардаанд, баъзе ходимони ин ниҳодҳо дар пайи он афтодаанд, ки хонаву мошин харанд ва соҳиби молу давлат шаванд. Таъкид гардид, ки ин масъаларо минбаъд ходимони Прокуратураи генералӣ таҳти назорати қатъӣ хоҳанд гирифт.

Дар ин замина фикрҳои ҷонишини садорати хадамоти пробатсияи Вазорати корҳои дохилӣ Икром Фозилов боиси таваҷҷӯҳ мебошад. Ба гуфтаи ӯ лоиҳаи қарори Президент "Дар бораи чораву тадбирҳои куллан такмил додани системаи пешгирии шиканҷа ҳангоми ҷустуҷӯ, тафтиш ва иҷрои ҷазо" ба муҳокимаи умумихалқӣ гузошта шудааст.

– Қабули ин қарор, бидуни шубҳа, мушкилоту муаммоҳои зиёд дар бобати шиканҷаро бартараф хоҳад кард. Зеро ин қарор мусоидат мекунад, ки як қатор холигоҳҳои ҳуқуқии марбут ба масъалаи шиканҷа пурра гарданд. Ба ибораи дигар, таъмини ҳуқуқи шахсони боздоштшуда дар лоиҳаи қарор акси худро ёфтааст,– мегӯяд Икром Фозилов.

Дар лоиҳаи қарор бо дарназардошти талабҳои ҳуқуқи байналмилалӣ вазифаҳои мушаххас ворид карда шудаанд. Хоссатан, бо истифода аз тавсияҳои кумитаи СММ барои соли 2020 роҳандозии сохтори реестри ягонаи боздоштшудагон мадди назар мебошад, ки ба ваколати ҳамин кумита марбут аст. Тибқи он шахс кай ва дар куҷо боздошт шуд ва дар куҷо нигоҳ дошта мешавад, барои ҳама чун ойина равшан мешавад. Назорати онро прокуратура ва ниҳодҳои масъул бар дӯш мегиранд.

Нуқтаи дигари муҳим барои шаҳрвандони кишвар ҳамин аст, ки баъди қабули лоиҳаи қарори Президент касе хилофи қонун дар боздоштгоҳҳо вақти зиёд нигоҳ дошта намешавад ва мавриди шиканҷа низ қарор намегирад.

Пас, ҳар як фарди ҷумҳурӣ метавонад дар муҳокимаи лоиҳаи қарор "Дар бораи чораву тадбирҳои куллан такмил додани системаи пешгирии шиканҷа ҳангоми ҷустуҷӯ, тафтиш ва иҷрои ҷазо" ширкат кунад ва пешниҳодҳои худро ироа намояд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

# «ҚИМАТИ МАРД НА БО СИМУ ЗАР АСТ...»

***Дар ҷомеа нафароне ҳастанд, ки дар соҳаи таълиму тарбия ҷонфидо будаву умри азизи хешро баҳриривоҷу равнақи халқ бахшидаанд. Яке аз чунин ҳамкасбони бомаҳорат Шуҳрат Нурназаров мебошад, ки 20 сол боз дар таълиму тарбияи насли наврас заҳмат мекашад.***

Шуҳрат Нурназаров соли 1974 дар деҳаи Сойихурди ноҳияи Нурато дар оилаи деҳқони оддӣ ба дунё омадааст. Аз хурдсолӣ медид, ки волидонаш дар шароити зиндагии душвори деҳа ҳашт нафар фарзандро худ нахӯрдаву напӯшида ба воя расондаанд. Ва ба худ аҳд мекард, ки зудтар калон шаваду ба падару модари азизаш дастёр гардад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Боғдорӣ, чорвопарварӣ, деворзанӣ ва дигар ҳунарҳоро, ки ба деҳотиён зарур аст, аз падари деҳқонаш омӯхт. Пас аз хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон супорид ва соҳиби номи пуршарафи донишҷӯ гардид. Шуҳрати ташнаи илм кӯшиш мекард, ки гаронияш ба дӯши оила наафтад, зеро додаронаш низ донишҷӯ буданд. Шабу рӯз китоб мехонд. Ӯ донишкадаро бо сари баланд хатм намуда, чун мутахассис ба зодгоҳаш бармегардад. Ҳоло дар мактаби деҳа омӯзгори синфҳои ибтидоӣ мебошад. Дилбохта ва шефтаи касби худ аст. Аз натиҷаи кори худ ҳамеша мамнун. Кӯшиш менамояд дар дарсҳои худ аз методҳои нави ноанъанавӣ истифода барад. Шогирдонаш ӯро дӯст медоранд. Омӯзгорони ҷавон барои таҷрибаомӯзӣ борҳо дарси ӯро мушоҳида намудаанд.

Нурназаров дар масъалаи ҳуҷҷатнигорӣ низ хеле масъулиятнок аст. Роҳбари иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Ӯ дар ташкили чорабиниву ҷашнвораҳои мактаб хеле фаъол аст. Хусусан ҳар сол намоишҳое, ки дар Иди бонувон, Истиқлол, Наврӯз ва дигар ҷашнҳо аз ҷониби хонандагон гузошта мешавад, бо саъю кӯшиш ва ташаббуси муаллим баргузор мегарданд.

Ғайр аз ин, омӯзгори эҷодкор пайваста меомӯзад. Борҳо чакидаҳояш дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Ховар», «Булбулча доно» нашр гардидаанд. Хонанда навиштаҳои ӯро бо шавқ мутолиа намуда, олам-олам ғизои маънавӣ мегирад.

Дар деҳаи дурдасти мо маркази хидматҳои маишӣ мавҷуд нест. «Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст», гуфтаанд. Шуҳрат Нурназаров ҳунарҳои сартарошӣ, таъмири пойафзор ва деворзаниро хуб аз бар кардааст. Ӯ мушкилкушои мардум аст. Мардуми деҳот аз ӯ миннатдоранд.

Бузургворе фармудааст:

*Қимати мард на ба симу*
*зар аст,*
*Қимати мард ба илму*
*ҳунар аст.*

Оре, Ш. Нурназаров серкор аст ва агар бештарини вақташро ба тарбияи шогирдон сарф кунад, боқимондаашро барои хидмати мардум. Як мебинед дар майдони кишту кор машғули побелу каландзанӣ, лоймонию деворзанӣ ва гоҳи дигар аз пайи бозору савдо. Хуллас, ҳамеша банд.

Барилова, омӯзгор хеле хоксор, самимӣ, хушгуфтор, меҳмондӯст ва меҳмоннавоз аст.

Маъмурияти мактаб хидматҳои ӯро ба инобат гирифта, борҳо бо ифтихорнома ва мукофотҳо сарфароз гардонидааст. Ман ифтихор мекунам, ки чунин ҳамкасби хирадманду хоксор ва меҳрубону ҳунарманд дорам.

**Ҳилол РӮЗИЕВ,**
**омӯзгори мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.**

***Мувофиқи натиҷаҳои тадқиқоти гурӯҳи байналхалқии консалтингии Mercer Тошканд мавқеи худро ба сифати яке аз шаҳрҳои барои будубоши хориҷиён арзонбаҳо нигоҳ дошт.***

# ТОШКАНД ЯКЕ АЗ ШАҲРҲОИ БАРОИ БУДУБОШИ ХОРИҶИЁН АРЗОНБАҲОИ ҶАҲОН БА ШУМОР МЕРАВАД

Муаллифони баҳодиҳӣ арзиши беш аз 200 мол ва хидматро дар 209 шаҳри панҷ қитъа муқоиса кардаанд. Таҳқиқгарон нархи иҷораи манзил, роҳкиро, таом, шароб, тамоку, сару либос ва пойафзор, ҷиҳози хона, истироҳату дилхуширо ба инобат гирифтаанд. Умуман дар 10-гонаи беҳтарин шаш шаҳре, ки дар Осиё ҷойгир мебошанд: ғайр аз Гонконг, Ашқобод ва Токио – инҳо Сингапур (панҷум), Шанхай (ҳафтум) ва Пекин (даҳум) ворид шудаанд.

Шаҳрҳои аз ҳама гаронбаҳои Аврупо дар Швейтсария қарор доранд: Сюрих мақоми чаҳорум, Берн ва Женева мувофиқан ҷойҳои ҳаштум ва нуҳумро ишғол кардаанд. Ба даҳгонаи шаҳрҳои гаронбаҳо Ню-Йорк (шашум) низ дохил гардид.

Тошканд дар ин рейтинг бо Бишкек мақоми 206-умро баҳам мебинад. Ҳаёт танҳо дар Виндхук (Намибия) ва Тунис арзонбаҳо аст.

**АИ «Дунё».**

# САХОВАТИ ҲАМДИЁРИ МО

***Ҳимматбаландӣ, саховат ва некӣ аз ҷумлаи беҳтарин фазилатҳост.***

Гулӣ Шайхмуродова ҳоло дар Англия умр ба сар барад ҳам, дар зодгоҳаш корҳои ҷолибро ба сомон мерасонад. Бояд таъкид намуд, ки дар мамлакати мо маркази таълимии «London College of English» бо шарофати вай таъсис ёфтааст. Баъди 27 апрел дар вилояти Бухоро рух додани офати табиӣ вай баҳри дастгирии эҳтиёҷмандон ва оилаҳои камдаромади ноҳияи Олот дасти ёрӣ дароз кард. Мавсуф дар қатори онҳое, ки ба ҳаракати умумихалқии «Саховат ва кӯмак» ҳамроҳ шудаанд, ба ноҳияи Олот омада, аз аҳволи 40 оилае, ки ба беморӣ гирифтор шуда, ба дастгирии иҷтимоӣ ниёз доранд, огоҳ гардид. Дар натиҷа сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ганҷи Чандир» Диёрбек Нарзуллоеви 18-сола, ки ба бемории саратони хун гирифтор шудааст, аз ду миллион сӯмина инъоми ӯ баҳраманд гардид. Инчунин бошандаи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Бунёдкор» Азиза Ҳотамова соҳиби аробачаи маъюбӣ шуд. Ҳамон рӯз Раъно Чориева аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Опшоҳ», Сафаргул Самадова аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Оқ олтин», Камолҷон Баротов аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Наврӯз», Шоҳида Саломова аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ёш ботир» ва дигарон низ аз ҳиммати Гулӣ Шайхмуродова ва шуъбаи дастгирии маҳалла ва оилаи ноҳия сарафроз гардиданд. Гуфтан ҷоиз аст, ки ин дуюмин ташрифи саховатмандонаи духтари ӯзбек ба ноҳияи Олот буд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**




*Сардор Ғаффорови навоигӣ дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Navoiyavtosavdo» бо ҷорӣ кардани қариб 10 намуди хидмат, барои мизоҷон шароити мусоид фароҳам овард.*

*Низоми роҳандозикардаи ӯ пеши саргардонии зиёд ва коғазбозиҳоро гирифт. Яъне ӯ дар автосолуни ҶММ барои расмӣ кунонидани автокредит, хидмати нотариус, пардохтҳо, ба қайд гирифтани рақамҳои давлатӣ бо кӯмаки идораи бехатарии ҳаракат дар роҳ гӯшаи махсус ташкил дод.*

*Ташаббуси ӯ 50 нафарро бо кор таъмин намуд.*

***Дар акс:*** *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди мазкур.*

***Аксбардор: С.АСЛОНОВ (ЎзА).***

# ОМӮЗГОРИ БОТАҶРИБА

Омӯзгори мактаби рақами 80-уми ноҳияи Сариосиё Нозукой Насриддинова, ки 32 соли умри худро сарфи таълиму тарбияи насли наврас намудааст, инак ба нафақа гуселонида шуд.

Нозукой Насриддинова 7-уми январи соли 1965 дар маҳаллаи Қорасуви ноҳия дар оилаи зиёӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Пас аз хатми мактаби миёна ба Донишкадаи педагогии Тирмиз дохил гардида, ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти ӯзбек ин донишкадаро хатм мекунад. Фаъолияти кориашро бошад соли 1988 аз мактаби миёнаи рақами 12 оғоз менамояд.

Нозукой Насриддинова ба шогирдон аз фанни забони давлатӣ дарс дода, нозукиҳои ин фанро ба насли наврас омӯзонда меояд.

Ҳисси ғамхорӣ ва серталабии ин омӯзгор буд, ки алҳол як зумра шогирдонаш дар соҳаҳои гуногун камарбаста мебошанд.

Ӯ ҳар як дарси худро бо маҳорати баланд мегузаронад, ки бевосита он дар хотири шогирдон нақш мебандад. Натиҷаи ҳамин меҳнатҳои пурсамар буд, ки шогирдони ӯ аз соли 2005 то соли 2018 дар озмунҳои фаннии вилоят ва озмуни «Санҷиши дониш» дар ҷумҳурӣ сазовори ҷойи якум гаштаанд.

Баробари ташкил гардидани мактаби миёнаи рақами 80 Нозукой Насриддинова фаъолияти худро дар ин ҷо идома бахшид. Дар баробари касби омӯзгорӣ, инчунин вазифаи раиси иттифоқи касабаи мактабро низ ба ӯҳда дорад. Имрӯз бошад, бо ҳар як омӯзгори ҷавон аз таҷрибаи бойи худро ба ҳам мебинад.

Муаллима бо ҳамсари худ Ҳабибулло соҳиби 4 нафар фарзанд ва набераи дӯстрӯ мебошанд. Ҳамаи фарзандони ӯ дорои маълумоти олӣ буда, дар маҳалла аз оилаҳои онҳо намунавӣ мебошад.

Нозукой Насриддинова вақтҳои холии худро дар хона бесамар нагузаронида, дар гармхонаи наздиҳавлӣ бо парвариши лимӯ ва дигар зироат машғул аст. Аз ҳама муҳимаш, ӯ самараи меҳнати худро бо хешу табор, ҳамсоягон ва ҳамкасбони худ ба ҳам мебинад.

Рӯзе, ки муаллимаро ба нафақа гусел менамудем, дар чашмони ӯ ашк пайдо гардид. Ашки шодиву қаноатмандӣ. Ҳарчанд ба нафақа баромада бошад ҳам, албатта, боз солҳои зиёд дар мактаб маслиҳатгӯю маҳоратомӯзи мо – омӯзгорони ҷавон хоҳад буд.

**Хосият ХУДОЙҚУЛОВА,**
**омӯзгори мактаби рақами 80-уми ноҳияи Сариосиё.**

# ҶАВОНОН ҲУНАРМАНД БОШАНД...

## ё худ чаро онҳо ба ҳунарҳои бобоӣ рӯ намеоранд?

***Ба қарибӣ дар миқёси мамлакат ҷаласаи васеъ оид ба ривоҷи ҳунарҳои миллӣ баргузор гашт. Онро Президенти кишвар ифтитоҳ намуда, баҳри рушди соҳа дар маҳаллаҳову шаҳарчаҳо андешаҳои ҷолиб баён кард. Солҳои охир ҳунарҳои миллӣ фаромӯш шуда буданд.***

Дар гузашта ниёгони мо ба тарбияи фарзандон аҳамияти ҳамаҷониба медоданд. Мунтазам мекӯшиданд, ки фарзандонашон баробари илм омӯхтан, соҳиби касбу коре гашта, аз пушти дастранҷи хеш нон хӯранд. Шахсе, ки соҳиби касбу коре нест, дар зиндагӣ ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ мегардад. Аз ин ҷост, ки Низомии Ганҷавӣ дар ин боб хеле дуруст фармудааст:

*Ҳунар омӯз к-аз*
*ҳунармандӣ,*
*Даркушоӣ кунӣ,*
*на дарбандӣ.*

Бешубҳа, ҳунар касро дар байни мардум соҳибобрӯ мекунад. Аз ин лиҳоз мавриди баррасӣ қарор додани ин мавзӯъ дар ин айём айни муддао аст.

Яке аз касбҳои пуршараф оҳангарӣ ба ҳисоб меравад. Ривоят мекунанд, ки замонҳои дури дур дар деҳаи Дарбанд Хӯҷаи худкор (ё хубкор) ном оҳангари моҳире зиндагӣ мекардааст. Ин марди меҳнатӣ дар даромадгоҳи дараи Дарбанди ноҳияи Бойсун оҳангархонаи калоне дошта, барои сокинони деҳа ва корвониён асбобҳои рӯзгор сохта, мушкили ҳазорон-ҳазор мизоҷонро софдилона осон карда, зиндагии фақиронаи хешро пеш мебурдааст.

Ёд дорам, ки дар замони шӯроҳо дар деҳаи Бозорсой Усто Абдулаҳад ном марди заҳматпеша дар хонаи хеш оҳангархонае ҷӯр карда буд. Махсусан, фасли баҳорон ташвишу тараддуди ин марди соҳибкасб хеле зиёд мегашт. Усто Абдулаҳад барои ҳамдеҳагонаш дос, табар, қайчӣ, наъли асп, омоч сохта, мушкили онҳоро сабук мекард. Мардум аз дастранҷи ин марди соҳибкасб қаноатманд буданд ва ӯро дар ҳузуру ғайбаш ба некӣ ёд мекарданд. Сад афсӯс, ки ҳозир аз ин оҳангархона нишоне намондааст. Ҳоло дар ин деҳаи сераҳолӣ касе нест, ки касбу кори ин марди ҳунарро идома диҳад. Одамон барои харидани як доси алафдаравӣ хароҷот карда, ба маркази ноҳия меоянд. Ё ин ки, дар ин деҳа то ба ҳол сартарошхонае нест, ки муътадил фаъолият кунад. Дар бораи дукони мӯзадӯзӣ ҳоҷат ба гуфтан нест. Гӯё касе барои таъмири пойафзор зарурате надошта бошад! Чанде пеш мо ба деҳаи Сайроб рафта, аз набудани чунин дуконҳои ҳунармандӣ афсӯс хӯрдем. Аз котиби маҳаллаи Сайроб Сафарбой Чоршанбеев ин ҳолро пурсон шудем. Ӯ дар ҷавоб гуфт, ки солҳои охир ба мо ҳеҷ кас барои кушодани сартарошхона, ё дукони оҳангарӣ муроҷиат накардааст. То ҳол дар деҳа ҷавонмардеро вонахӯрдаем, ки соҳиби чунин касбу кор бошад. Чунин дуконҳои ҳунармандӣ дар дигар деҳаҳои ноҳия низ мавҷуд нест. Ҳалли ин мушкилот касро ба андеша кардан водор мекунад. Наход, ҷавонон барои соҳиби касб шудан андеша накунанд? Ба миён гузоштани ин масъала ва эҳё кардани ҳунарҳои миллӣ аз ҷониби Президент Шавкат Мирзиёев моро ҳушдор медиҳад, ки масъулони маҳалла ва машваратчиён ба ҷавонон дар роҳи интихоби касбу кор маслиҳатҳои муфид дода, дар ташкили чунин корҳои хайр ташаббускор бошанд. Агар мо ба ин кор муваффақ шавем, бовар дорам, ки насли оянда роҳи дурусти зиндагиро пайдо карда, барои беҳбудии рӯзгори хеш талошҳои бемисл зоҳир хоҳад кард.

**Нуралӣ РАҶАБ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

***Дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон дар шакли робитаи конфронси видеоӣ анҷумани байналхалқии парлумонӣ дар мавзӯи «Нақши парлумонҳо дар татбиқ сохтани тавсияҳои оинномавӣ ва шартномавии мақомоти СММ: дар мисоли Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои инсон» баргузор шуд.***

# ҲУҚУҚИ ИНСОН, РУШДИ МУТТАСИЛ ВА ПЕШОМАДИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ

Чунин чорабинии муҳим дар таърихи парлумони Ўзбекистон бори аввал созмон дода шуд.

Анҷуман бо ташаббуси Палатаи қонунгузорӣ, Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон ва созмони бонуфузи байналхалқии депутатҳои ҷаҳон – Иттифоқи байнипарлумонӣ, ҳамчунин Идораи Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, намояндагии СММ дар мамлакати мо ва Маркази миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба ҳуқуқҳои инсон ба вуқӯъ омад.

Ташкилотчии мулоқоте, ки дар ҷараёни он нақши парлумони Ўзбекистон дар иҷрои ӯҳдадориҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон баррасӣ шуд, муовини аввали Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, муовини раиси Кумитаи иҷроияи Иттифоқи байнипарлумонӣ Акмал Саидов гардид.

Дар анҷумани парлумони байналхалқӣ Котиби генералии Иттифоқи байнипарлумонӣ Мартин Чунгонг, намояндаи Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон Ҷонни Магазенни, роҳбарони палатаҳои парлумони Ўзбекистон, намояндагони Созмони ҳамкории исломӣ, Бюрои САҲА оид ба идораҳои демократӣ ва ҳуқуқҳои инсон, дигар созмонҳои байналхалқӣ, коршиносони хориҷӣ, депутатҳо, аъзои Сенат иштирок карданд.

Тавре ки таъкид шуд, парлумонҳои миллӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, таъмин сохтани фаровонҳолӣ, таҳкими афзалиятнокии қонун оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналхалқӣ нақши муҳим мебозанд.

Дар чорабинӣ, ки барои мулоқоти амалии аъзои парлумон соҳати онлайн гардид, маърӯзаҳои шахсони масъули Иттифоқи байнипарлумонӣ, Идораи Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва роҳбарони палатаҳои парлумони Ўзбекистон шунида шуданд.

– Таҳкими ҳамкории Ўзбекистон бо СММ ва Иттифоқи байнипарлумонӣ сазовори эътибори махсус мебошад, – мегӯяд Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Танзила Норбоева. – Бояд тағйирот дар даврони кунунӣ бинобар нақши ҳокимияти судӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва парлумон дар ҳаёти кишвар қайд карда шавад. Парлумони Ўзбекистон баробари корҳои қонунгузорӣ вазифаи мониторинги ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётан муҳимро пурзӯр кард. Аз ҷумла, Комиссияи оид ба масъалаҳои таъмин сохтани баробарии гендерӣ, Комиссияи миллӣ оид ба аксуламал нисбати савдои одам ва меҳнати иҷборӣ ташкил карда шуданд, дар палатаи болоии парлумон Кумитаи оид ба масъалаҳои занон ва бародарии гендерӣ созмон дода шуд.

Шунидани ҳисоботи намояндаи Олий Маҷлис оид ба ҳуқуқҳои инсон, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои корҳои дохилӣ, адлия, корҳои хориҷӣ мунтазам ба роҳ монда шуданд. Ба таъмин сохтани раванди «Халқ ба мақомоти давлатӣ не, балки мақомоти давлатӣ бояд ба халқ хидмат кунад» эътибор дода мешавад.

Бинобар ҳамин ҳам мо ба масъалаи ба роҳ мондани мулоқот бо халқ ва таҳкими робитаҳо бо ҷомеаҳо эътибори махсус медиҳем. Мақсади асосии мо ин таъмин сохтани ҳуқуқҳои инсон ба шумор меравад, гуфт раиси Сенати Олий Маҷлис.

Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Нуриддинҷон Исмоилов, ки дар чорабинӣ ба сухан баромад, бинобар дар мамлакат такмил додани пойгоҳи ҳуқуқиву қонунгузорӣ, ташаккул додани суннатҳои миллии парлумонӣ ва дар ин самт истифода бурдани таҷрибаи пешқадами байналхалқӣ ҳарф зад. Ҳамаи ин ба таҳкими асоси ҳуқуқии давлат, баланд бардоштани сифати эҷоди қонун, пурзӯр намудани назорати парлумонӣ, беҳтар кардани ҳаёти шаҳрвандон мусоидат хоҳад кард.

Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис масъалаи таъмин сохтани масъалаи ҳуқуқҳои инсонро фаъолона баррасӣ менамояд. Ин кор аз тариқи коркарди «харитаи амалиёт» оид ба иҷро кардан ва ҷорӣ намудани уҳдадориҳои байналхалқӣ дар қонунгузории миллӣ, мониторинги самарабахшии қонунҳои қабулшуда, иҷрои оинномаи СММ ва тавсияҳои мақомоти шартномавӣ ва бинобар самтҳои дигар татбиқ мешавад.

– Парлумони Ўзбекистон ба сифати узви баробарҳуқуқи ҷомеаи байналхалқии парлумонӣ дар анҷуманҳои Иттифоқи байнипарлумонӣ ва чорабиниҳои дигари байналхалқӣ фаъолона иштирок мекунад, – мегӯяд муовини аввали Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Акмал Саидов. – Ўзбекистон ташаббусҳои Иттифоқи байнипарлумонӣ ва Идораи Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсонро бинобар қабул намудани «Равандҳои парлумон ва ҳуқуқҳои инсон», ба Баённомаи оид ба 75-умин солгарди СММ ворид сохтани қоидаҳо дар бораи нақши парлумонҳои миллӣ ва Иттифоқи байнипарлумонӣ дар муносибатҳои кунунии байналхалқӣ дастгирӣ менамояд.

Дар конфронси видеоӣ ҳамчунин дар бораи нақш ва механизмҳои парлумони Ўзбекистон бинобар таъмин сохтани ҳуқуқҳои инсон, пешомади корҳо бинобар иҷрои тавсияҳои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон дар самти мазкур низ сухан гуфтанд.

Дар анҷоми мулоқот иштирокдорон таъкид карданд, ки анҷумани парлумонӣ ба пешбурди мулоқоти амалии аъзои парлумон, рушди минбаъдаи робитаҳои байнипарлумонӣ бинобар пешрафт ва ҳамкории муттасил мусоидат хоҳад кард.

Анҷуман ба рӯзи байналхалқии парлумон – 30 июн бахшида шуд.

Барои маълумот: беҳуда 30 июн Рӯзи байналхалқии парлумон эълон нашудааст. Зеро 131 сол муқаддам маҳз дар ҳамин рӯзи соли 1889 дар Париж аввалин конфронси байналхалқии Иттифоқи байнипарлумонӣ – мақомоти асосии байналхалқии парлумонии кишварҳои ҷаҳон баргузор шуда буд.

Алҳол 179 мамлакат аъзои Иттифоқи байнипарлумонӣ ба шумор мераванд. Дар ҳар кадоми онҳо мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ амал мекунад. Дар 79 кишвар аз 193 давлати – узви СММ низоми дупалатагӣ, дар 114 давлат парлумони якпалатагӣ амал мекунанд. Ҳайати 272 палатаи парлумонҳои тамоми ҷаҳон тақрибан 46 ҳазор аъзо дорад.

Ба сифати эътирофиислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар Ўзбекистон татбиқ мешаванд, бори аввал дар таърих намояндаи кишвари мо дар солҳои 2020-2023 ба сафи аъзои Кумитаи иҷроияи Иттифоқи байнипарлумонӣ қабул гардид. Яъне дар ибтидои соли 2020-ум дар доираи ташаккул додани ҳайати нави мақомоти идоравии Иттифоқи байнипарлумонӣ муовини аввали Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Саидов муовини Кумитаи иҷроияи Иттифоқи байнипарлумонӣ, ҳамчунин узви кумитаи хурди молиявии сохтори мазкур таъин гардид.

Иштироки намояндаи парлумони Ўзбекистон дар кори анҷумани бонуфузи мақомоти ҷаҳонии қонунгузорӣ ба беш аз пеш самарабахш татбиқ гардидани вазифаҳое, ки дар Муроҷиатномаи Президент Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис аз 24 январи соли 2020-ум зикр шудаанд, мусоидат мекунад. Баробари ин вай барои иштироки мамлакати мо бинобар мушаххас намудани рӯзномаи ҳамкории байналхалқии байнипарлумонӣ имконият фароҳам меоварад.

**ЎзА.**

**_Таҳлилҳо нишон додаанд, сӯхторе, ки шаҳрвандонро аз хонаву ҷой, молу мулк ва ҳатто аз қарибонаш ҷудо месозад, худ аз худ сар назадааст._**

# ҲУШЁРӢ – ОМИЛИ ОСОИШТАГӢ

Ин гуна ҳодисаҳои нохуш аз беэътиборӣ, кашидани сигор дар ҷойи хоб, истифода аз асбобҳои электрии носоз ё бо алав бозӣ кардани бачаҳои хурдсол содир мегардад.

Масалан, партови хомӯшнашудаи сигор ба аланга табдил ёфта, талафоти калон расонидаашро ходимони бехатарӣ аз сӯхтор дар фаъолияти кории худ шоҳид шудаанд.

Махсусан, дар ҳолати мастӣ сигор кашида, хоб рафтан ба сӯхтани рахти хоб, хонаву ҷой ва ҳатто ба ҳолати худсӯзӣ афтидани шаҳрвандон сабаб шудааст.

Дар ин рӯзҳои гармо, баъзеҳо болои алафу шохҳои хушкшуда боқимондаи сигорро мепартоянд, ки аз лахчаи он аланга бархеста, ба атрофиён зарар мерасонад.

Дар хонаводаамон низ бо телевизор, дарзмол, асбобҳои барқӣ ва газ эҳтиёткор бошем. Ҳамеша ҳушёр бошем. Асбобҳои барқиро пеш аз хона баромадан албатта, аз васлкунаки он кашида, баъд ба кӯча бароем. Фарзандони хурдсолро дар хона танҳо нагузорем.

Ходимони бехатарӣ аз сӯхтор дар маҳаллаҳо, муассисаҳои таълимӣ, корхонаву ташкилотҳо доимо корҳои ташвиқотиву фаҳмондадеҳӣ мебаранд. Мақсад ягона – ба сӯхтор роҳ надодан!

**Комил ҚОДИРОВ,**
**ходими масъули шуъбаи вазъиятҳои фавқулоддаи ноҳияи Мирободи шаҳри Тошканд.**

# РАССОМӢ – ШУҒЛИ ХОНАНДАГОН



Тибқи 5 ташаббусе, ки аз тарафи Президент ҷорӣ гардида буд, ин рӯзҳо дар мактабҳои таълими умумӣ баҳри рӯи об баровардани истеъдодҳои ҷавон як қатор ташаббусҳо ба амал омада истодаанд. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки шогирдон вақти холии худро бесамар нагузаронида, тибқи завқу шавқи худ машғулиятҳояшонро идома мебахшанд.

Давраи карантин баробари он ки сабру бардошти ҳамаро аз санҷиш гузаронд, сабабгори он шуд, ки бисёр наврасону ҷавонон ҳунару маҳорат ва истеъдоди худро сайқал диҳанд. Исботи ин гуфтаҳоро мо дар мисоли шогирдони мактаби таълими умумии рақами 52-юми ноҳияи Сариосиё баръало дида метавонем.

Шогирдони мактаби мазкур баробари он ки дарсҳои онлайнро аз худ намоянд, дар озмунҳои гуногун низ ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ иштирок намуда, сазовори таҳсину офаринҳо низ гаштаанд.

Бояд гуфт, яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи хонандагони мактаб сураткашӣ мебошад. Онҳо дар жанрҳои гуногун, аз қабили манзара, натюрморт, миниатура маҳорати худро сайқал медиҳанд. Шогирдоне чун Рухшона Маҳмадраҷабова, Парвез Сайфуллоев, Марҷона Исмоилова, Ганҷина Ҳайитбоева, Фатҳия Зарифова, Мавзуна Муҳаммадова, Шаҳло Турсунова, Шабнам Меликулова, Парвина Меликулова, Сарвиноз Ҳайбуллоева суратҳои хеле зебову ҷолиби диққат кашидаанд, ки дар озмунҳои байнимактабӣ ва ноҳиявӣ фаъолона ширкат варзиданд.

Шогирдони мактаб оид ба фанни санъати тасвирӣ таҳти роҳбарии омӯзгор Гулнора Саъдуллоева завқу шавқи беандоза доранд. Онро метавон аз намунаҳои маҳсули дастиашон пай бурд. Махсусан, дар ҳар ҷашну чорабиниҳо шоҳиди он мегардам, ки оро додани ҳар гуна шиору овезаҳо ба зиммаи ин шогирдони эҷодкор меафтаду суратҳои кашидаашон мақбули ҳамагон низ мегардад.

Умед аст, онҳо ба сифати идомадиҳандаи кори рассомони машҳур Камолиддин Беҳзод, Леонардо да Винчи, Ӯ. Тансиқбоев ва дигарон бо эҷоди асарҳои рангин табъи ҳамагонро болида хоҳанд гардонд.

**Шукрона ҒАФУРОВА,**
**донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

Сиёсати давлатии ҷавонон – дар амал

**_Дар водӣ, алалхусус вилояти Фарғона аҳолӣ нисбатан зичтар ҷойгир шудааст. Дар қаламраве, ки ҳамагӣ 6.800 км.кв. масоҳат дорад, бештар аз 3 миллиону 600 ҳазор нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад. Чун аҳли меҳнати дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ фарғониён низ дар ҳамаи соҳаҳо баҳри татбиқи ислоҳоти кулл, ки дар навбати аввал ба мустаҳкамсозии пояҳои иқтисодии ҷумҳурӣ, ободии диёр, баланд бардоштани дараҷаи рӯзгори мардум нигаронида шудаанд, таҳтидилона ҳаракат мекунанд._**

# БОШУҒЛФАРОГИРИИ ҶАВОНОНИ ФАРҒОНА

Имрӯзҳо дар ҷодаи ба амал татбиқ намудани 544 лоиҳае, ки 7,6 триллион сӯм арзиш дошта, барои соли равон муайян шудааст, саъйҳо самара мебахшанд. Имконият фароҳам омад, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ наздик 11 ҳазор ҷои нави корӣ ташкил карда шавад.

Бо шуғл фарогирии ҷавонон, хусусан, дар маркази эътибор. Аз ҷумла, дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ӯз – Сеганг», ки қодир аст дар як сол то 16 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзию боғдориро коркард намояд, 250 нафар писарону духтарон меҳнат мекунанд.

Ибтидои соли равон ҷои кори доимӣ надоштани 49 ҳазору 168 нафар ҷавонони вилоят аниқ гардида буд. Дар асоси нақшаи манзилноки иқтисодӣ бошуғлфарогирии 37 ҳазор нафар ҷавонон, ки ин тақрибан 75 фоизи ҷӯяндагони корро ташкил менамояд, пешбинӣ гардид. Дар шӯроҳои маҳаллӣ бо иштироки роҳбарони секторҳо реҷаҳои солона тасдиқ карда шуданд. То рӯзҳои мо 27 ҳазору 815 нафар ҷавонон бо шуғл фаро гирифта шуданд. Аз ҷумла, 5400 нафар ҷавонони вилоят ба соҳибкорӣ, 4300 нафар ба корҳои ҷамоатӣ, 5100 нафар ба идораю ташкилотҳои давлатӣ, 463 нафар ба сохтмон, 11 ҳазору 854 нафар ба корҳои кишоварзию боғдорӣ фаро гирифта шуданд.

Татбиқи усулҳои нави хоҷагидорӣ дар ба амал баровардани ислоҳоти кишоварзию боғдорӣ самараи дилхоҳи худро мебахшад. Дар кооператсия ва кластерҳо, хоҷагиҳое, ки дар самтҳои кишоварзӣ фаъолият мебаранд, корҳо оқилона ташкил гардида, соли равон ба онҳо 859 га майдон ҷудо карда шуд. 2643 нафар ҷавонон ба ин қабил усулҳои хоҷагидорӣ ҷалб гардонда шуданд. Аз ҷумла, кооператсияи истеҳсолии «Караван – Багдад» вақтҳои охир доираи фаъолияти худ васеътар сохт ва имкон фароҳам овард 75 нафар ҷӯяндагони шуғлро ба истеҳсолот ҷалб намояд. Аксарияти бекорон, ки ба ин кооператсия ҷалб шуданд, аъзои оилаҳои камтаъмин ҳисобида шуда ё аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргашта мебошанд.

Лоиҳаи «Ба ҳар як ҷавон – як гектар» дар вилоят татбиқи амалии худ меёбад. Вале ҳар минтақа, ҳар ҳудуд ва хоҷагӣ захира ва имкониятҳои ба худ хос дорад. Вазифаи асосӣ он аст манбаъҳои даромад омӯхта ва бо баҳисобгирии шароит қувваҳо дар ҷодаи бошуғлфарогирии ҷавонон пурра сафарбар карда шавад. Бинобар ҳар ноҳия нақшаҳои мушаххас таҳия гардида, пеш аз ҳама имкониятҳо ба назар гирифта мешаванд.

Дар ноҳияи Бағдод, ки аҳолӣ зичтар ҷойгир аст, ба ҷавононе, ки бо деҳқонӣ шавқ доранд, 20 сотихӣ замин ҷудо карда дода мешавад. Кишоварзони бағдодӣ дар истеҳсоли занҷабилҳои тунд ва булғорӣ таҷрибаи зиёд доранд. Имрӯзҳо дар заминҳое, ки санглох ва бекорхобида ҳисобида мешуданд, навъҳои зиёди занҷабил парвариш меёбанд. Ҷавони чашмикордон М.Умаров дар доманаҳои адир, ки бинобар беобӣ бо як аҳвол мехобиданд, киштзорҳои нав бунёд кард. Гармхонаҳо сохт. Ҳанӯз дар аввали баҳор маҳсулоти ӯ, ки айни замон соҳибкори ҷавон аст, даромади калон овард. 54 тонна бодиринг ва помидори хушсифат ба хориҷ рафт.

Дар натиҷаи ҷудо карда шудани субсиди давлатӣ ба қитъаҳои назди адир, ки нисбатан дар баландӣ ҷойгиранд, об бароварда ва майдонҳои навкорам ҳосили дилхоҳ медиҳанд.

Ин гуна мисолҳоро дар тамоми ноҳияҳои вилоят дучор кардан мумкин. Вақте Фарғонаи марказӣ мегӯем, қабл аз ҳама даштҳои Ёзёвон, ки ҳоло қисми асосиаш ба гулистон табдил ёфта, пеши назарамон меоянд. Баъзе қитъаҳо хароб ва ҳатто ваҳмангез буданд. Ҳоло дар ин ҷоҳо кӯлҳо барпо ва дар онҳо моҳидорӣ ба роҳ гузошта шудааст. Таклифи ҷавонони ёзёвонӣ аснои қабули роҳбарони сайёри сектори дуюм ба инобат гирифта шуд ва дар ин ҷо 25 га майдон ба ихтиёри ҷавонони моҳипарвар вогузор гашт.

Дар қисме аз қитъаҳо аз ғалла ҳосили хеле ночиз рӯёнида мешуд. Ҳатто имкон надошт аз як гектар 20 сентнер ҳосил ба даст ояд. Ҳоло дар ин навъ майдонҳо чормағззорҳо бунёд мегарданд. Ба зери ниҳолҳое, ки ҳанӯз ҷавонанд, картошка, помидор ва аз полизот тарбузу харбуза кишт карда мешавад. Ӯткирбек Эргашеви ёзёвонӣ дар ҷустуҷӯи кор ба хориҷ мерафт. Акнун азм кард дар зодгоҳи худ боғбонӣ намояд. Вай аз натиҷаи меҳнати худ мамнун. Ҳамчунин дилпур аз фардои худ мебошад, бо дасту дили гарм ва хотири ҷамъ арақи ҷабин мерезад. Ҷавононе, ки дар собиқа муҳоҷирони меҳнатӣ шуморида мешуданд ва умр дар мусофират мегузаронданд, ҳоло дар диёри худ ба ободию фаровонии ҳаёт ҳамчун соҳибони мулк саҳм мегузоранд.

Байни шаҳрҳои Фарғона ва Қувасой деҳкадаест бо номи Пакана. Ҳоло он шаҳрчаи зеборо мемонад. Биноҳои замонавии маъмурию истиқоматии бисёрошёна дар ин ҷо қад мекашанд. Айни замон ҷойҳои холӣ дар атрофи биноҳо хеле зиёд ва ҷавонон бо гирифтани воми ипотекаи дарозмуддат ба навъҳои гуногуни соҳибкорӣ кашида мешаванд. Бо ба роҳ андохтани фаъолияти соҳибкорони ҷавон офаридани 21 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ба нақша даромадааст. Иқлими Пакана ба парвариши навъҳои хушсифати гелос мувофиқ. Гелосзорҳо аллакай ҳосили дилхоҳ доданд. Ҷавононе, ки дар боғҳо аз паи парвариши ниҳолҳоянд, баробари андӯхтани таҷриба соҳиби даромад мешаванд. Дарк кардаанд барои зиндагии хуб аз таҳти дил меҳнат кардан даркору халос. Президентамон низ аснои шиносоӣ бо ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳаёти аҳолии Фарғона таъкид сохт: «Чӣ қадар беҳтар кор кунем, зиндагӣ ҳамон қадар беҳтар хоҳад шуд».

**М. ШОДИЕВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Андешаҳо

# ШУМО ЧӢ МЕГӮЕД?

*Муаллим офтобе дон, ки метобад ба баҳру бар,*
*Зи нури илм равшан менамояд даҳрро яксар.*

Бале, муаллим мисли хуршедест, ки бо нури илму маърифат ҷаҳони ботинии шогирдонашро мунаввар месозад ва дар қалби шогирдонаш нисбати илму маърифат меҳру муҳаббат мебахшад.

Лекин мо имрӯз муаллимонамонро ба таври ҳаққонӣ офтоб гуфта метавонем? Оё ин "офтоб" барои ҳар яки мо азизу мукаррам аст ё на? Оё муаллим ба ҳамон мақоме, ки ба он дода шудааст, мувофиқат мекунад? Афсӯс, ки ба ин савол на ҳамеша "ҳа" гуфта ҷавоб дода метавонем.

Муаллим вақте ба синф медарояд, даҳҳо хонанда ба сӯйи ӯ менигарад. Бинобар ин, муаллим барои ба синф даромадану ба шогирдон чизе гуфтан бояд пешакӣ тайёрии пухта бинад. Тавре бояд ба синф дарояд, ки дар рафтору кирдор вайро шогирдон бо ҳурмати баланд истиқбол гиранд. Охир ба хотираву шуур ва тинати мисли коғаз поки шогирдон ҳама гирудори муаллим – хоҳ мусбӣ, хоҳ манфӣ, сабт меёбад.

Лекин ба назар чунин мерасад, ки алҳол наҳамаи муаллимони мо ба ин нукоти ҷиддӣ эътибор медиҳанд. Мушоҳида мешавад, ки баъзе омӯзгорон ба маданияти либоспушӣ тамоман эътибор намедиҳанд. Бе либоси мактабӣ, бе галстук, бо сару либос ва пояфзори қиматбаҳо, ё баръакс, бо либоси нозеб, пойафзори чангу гардолуд ба мактаб ҳозир мешаванд.

Хусусан, баъзе муаллимаҳо худро бо зару зевар ороста ба мактаб меоянд. Ин рафторашон маданияту маънавияти донишомӯзонро чӣ хел ташаккул медиҳад, дар ин маврид умуман андеша намекунанд. Ҳол он ки муаллим бояд идеали ҳар як хонанда шуда тавонад. Мо, омӯзгорон аз шогирдон пайваста талаб мекунем, ки либоси мактабӣ пӯшанду маданияту маънавияти баландро соҳиб шаванд. Пас, худи мо дар ин роҳ намунаи ибрати онҳо нобошем, чӣ хел мешавад?

Хонандаи азиз, банда бар ин ақида ҳастам, ки тамоми сифатҳои муаллим дар маданияти либоспӯшии вай муҷассам аст. Пас, ба маданияти баланди либоспӯшӣ риоя намудани муаллимон кори ҳатмист. Магар ҳамин тавр нест?

**Эркиной СУЛТОНОВА,**
**муллимаи тоифаи олии мактаби рақами 2-юми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

**_Инак, сӣ сол аст, ки нашрияи Шӯрои намояндагони халқ ва ҳокимияти вилояти Самарқанд – "Овози Самарқанд" чоп мешавад. Дар ин сӣ соли пур аз шебу фароз ва бурду бохт ҷамоаи рӯзнома пайваста мекӯшад, то овозаи "Овози Самарқанд" доман паҳн кунад, ҳамқадаму ҳамнафаси замон бошад, соҳиби муштариён ва ихлосмандони бештар гардад._**
**_Китоби тозанашри таҳририяти рӯзнома – «Овози Самарқанд: дирӯз ва имрӯз» бо чунин суханҳо сар мешавад. Бояд гуфт, ки китоб таҳти рукни «Аз китобхонаи «Овози Самарқанд» ба муносибати 30-солагии таъсисёбии рӯзнома нашр гардидааст._**

# ОИНАИ ТАЪРИХИ РӮЗНОМА

Дар сарсухан оид ба фаъолияти сисолаи рӯзнома, комёбӣ ва дастовардҳо, мушкилӣ ва заҳматҳои корбарӣ сухан рафта, аз ҷумла зикр мегардад: «Сӣ сол аст, ки рӯзномаи «Овози Самарқанд» чун минбари дӯстии халқҳо, инъикоскунандаи дигаргуниҳои сиёсии мамлакат, дастовардҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании вилоят камарбаста аст».

Дар ҳақиқат, имрӯз рӯзномаи вилоятии "Овози Самарқанд" аз эътибору ғамхории ҳукумат, бахусус, муассиси рӯзнома – ҳокимияти вилоят бархурдор аст ва чопи китоби тозанашр низ бо дастгирии онҳо сурат гирифт.

Дар боби аввали китоб мақолаҳои аҳли қалам ва рӯзноманигорон, аз ҷумла Аслиддин Қамарзода, Ғафурҷон Маҳмудов, Тошқул Азимзода, Ҳазрат Сабоҳӣ, Адҳам Ҳайитов ва дигарон дар бораи таърихи таъсиси рӯзнома, талошҳо барои чопи рӯзнома, муваффақиятҳои беназир, меҳнати сидқидилонаи кормандон бобати рангорангу ҷолиб, пурмазмуну хонданӣ кардани саҳифаҳои рӯзнома, мушкилоти раванди кор ва монанди ин ҷой гирифтаанд.

Дар боби дувум фикру ақида, табрику таҳният, муносибат, таклиф ва тавсияҳои намояндагони пешқадами ҷомеа, олиму донишмандон, шоиру нависандагон, рӯзноманигорон ва дӯстдорони рӯзнома, инчунин, шеърҳои шоирон дар васфи «Овози Самарқанд» ҷойгузин шудаанд.

Дар он табрику муборакбодӣ ва муносибати вакилони пешқадами ҷомеаи Тоҷикистонро низ мутолиа намудан мумкин аст.

Баробари фикру мулоҳизаҳои шоиру нависанда ва олиму ҳунарпешаҳои машҳур, ҳамчун Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Ботурхон Валихоҷаев, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева, Ҷӯрабек Муродов, Фарзона ниятў дархостҳои эҷодкорони ҷавон низ ҳастанд.

Дар боби сеюм дар бораи эҷодкорон ва кормандоне, ки тӯли 30 сол дар пешбурди фаъолияти рӯзнома заҳмат кашидаанд, маълумот дода шудааст. Дар он дар бораи сармуҳаррирон Нор Остонзода, Шавкат Баҳромов, Ғафурҷон Маҳмудов, Озодҷон Ҳамидзода, Бахтиёр Ҷумъаев ва Баҳодур Раҳмонов, ҷонишинҳои сармуҳаррир ва кормандони эҷодиву техникии рӯзнома ва ҷамоаи имрӯзаи таҳририят маълумот дода, суратҳо аз лаҳзаҳои фаромӯшнопазири фаъолияти таҳририят ҷойгир карда шудааст.

Бояд гуфт, ки китоби тозанашр аз гузашта ва вазъи кунунии «Овози Самарқанд» ҳикоя мекунад ва як навъ оинаи таърихи рӯзнома аст, ки фаъолияти сисолаи таҳририятро инъикос кардааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# МАРКАЗИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ



Маркази технологияи рақамӣ, ки дар шаҳри Марғилон кушода шудааст, ба ташкили истифодаи самараноки технологияи компютерӣ ва интернет дар байни ҷавонон нигаронида шудааст.

Дар ин ҷо маркази электронии захираҳои иттилоотӣ, толори конфронс барои 60 нафар, хонаи муколима, видеостудия вуҷуд дорад, ки ба ҷавонон асосҳои соҳибкории инноватсионӣ дар технологияи иттилоотӣ ва тиҷорати электронӣ омӯзонида мешавад, механизмҳои муосир ва самараноки дастгирии лоиҳаҳои старт-ап дар технологияи иттилоотӣ, технологияи компютерӣ, барномасозӣ фароҳам оварда шудаанд, таълим додани асосҳои робототехника ва киберспорт ба роҳ монда шудааст.



Барои рушди малакаи рақамӣ дар байни ҷавонон ва татбиқи лоиҳаи «Як миллион барномасоз» ҳама имкониятҳо вуҷуд доранд. Ҷавонон, соҳибкорон ва онҳое, ки мехоҳанд ҳунар омӯзанд, инчунин метавонанд дар марказ технологияи иттилоотиро азхуд ва маҳсулоти барномавӣ эҷод кунанд.

Марказ имконият дорад, ки дар як сол зиёда аз 2000 мутахассис тайёр кунад.

***Дар суратҳо:*** *дар Маркази технологияи рақамӣ дар Марғилон.*

**Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-635. Адади нашр 975, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Х. Ҳамидов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 04.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.